BRIDGING THE GAPS
Health and rights for key populations

## ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ НИДЕРЛАНД БА ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ МАВОДИ МУХАДДИР ДАР БАРҚАРОРШАВИИ ИҶТИМОӢ КУМАК МЕКУНАД

*«Ҳосили нав – умедҳои нав!»*



Ҳоким яке аз кишоварзони муваффақи вилояти Хатлони Тоҷикистон буд, ки бо парвариши пахта машғул буд. Ӯ хоҷагии деҳқониеро, ки масоҳати умумии заминаш 12 гектарро ташкил медод, идора мекард. Дар хоҷагии мазкур ҳамаи аъзои оилаи Ҳоким меҳнат менамуданд. Дар соли 2004 Ҳоким идоракунии хоҷагиро ба ҷиянаш супорида, фаъолияти онро қисман назорат мекард. Маблағгузории хоҷагӣ низ бар дӯши ӯ монда буд. Вақте Ҳоким аз корҳои саҳроӣ дур шуд, мисли бисёре аз ҷавонон дар он солҳо хеле зиёд нашъа мекашид. Дар натиҷаи бе назорат мондани хоҷагӣ, он валангор шуда, қарзҳои сершумореро ба миён овард. Низоъҳои бардавом бо қарздорон ва хешовандон, оҷизӣ дар назди вазъияти бамиёномада ва мушкилоти молиявӣ Ҳокимро ноумед кард ва ӯ ба истеъмоли героин гузашт. Дар натиҷа, ӯ ҳам саломатӣ ва ҳам номи неки худро аз даст дод. Дар оила ҷангу хархашаҳо оғоз шуда, мушкилоти бамиёномада поён надоштанд.

Бо гузашти беш аз даҳ сол, моҳи октябри соли 2015, Ҳоким аз як дӯсташ, ки ҳамчунин истифодабарандаи маводи мухаддир буд, дар бораи ташкилоте мефаҳмад, ки ба истифодабарандагони маводи мухаддир кумак мерасонад.

Баъди шиносоӣ бо кормандони иҷтимоии Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» Ҳоким маълумот ва кумаки зарурирo ба даст овард. Бо дастгирии ин ташкилот Ҳоким санҷишҳои зарурии тиббиро ройгон гузашта, ба барномаи табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон бо опиум дохил шуд.

Бо гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ва роҳнамоӣ аз кормандони Фонд, Ҳоким аз нав ба қуввати худ бовар кард. Тавассути иштирок дар табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон, Ҳоким фаъолияти худро дар хоҷагӣ барқарор намуд. Аввал ӯ робитаҳои кории худро таҷдид карда, баъди банақшагирии корҳо ва маблағгузории хоҷагӣ, ба кишти зироат оғоз кард.

Ин зимистон Ҳоким тамоми заминҳои худро бо пахта кишт карда, ба ҳосили хуб умед дорад.

Бо ёрии кормандони иҷтимоӣ, дар ҳаёти Ҳоким, яке аз ҳазорон истеъмолкунандагони маводи мухаддир дар Тоҷикистон, тағйироти мусбат оғоз меёбад.

*«Дар ҳаёти худ ман мушкилиҳои сершумореро паси сар кардам. Хиёнат ва танҳоиро эҳсос намудам. Эҳтироми қалбакиро нисбати боигарӣ ва муносибати нанговарро нисбати камбизоатиам фаҳмидам. Инро ба ман зиндагӣ бо маводи мухаддир сабақ дод. Ба аҳли хонадонам барои ҳамдардӣ ва дастгирӣ миннатдорам. Бо шарофати барномаҳои иҷтимоӣ, истифодабарандагони маводи мухаддир, мисли ман, худро шаҳрванди комили ҷомеа ҳис карда метавонанд»* - мегӯяд Ҳоким.

Танҳо дар давоми се моҳи фаъолият, 40 истифодабарандаи маводи мухаддир дар вилояти Хатлон аз кормандони Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон», ки лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳуқуқҳо барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ-2.0»-ро амалӣ месозад, кӯмаки иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ гирифтанд.

Лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ дар соҳаи тандурустӣ», аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии Нидерланд маблағгузорӣ мешавад. Барои маълумоти бештар ба сомонаи http://www.hivgaps.org/ назар намоед.